# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи номзадии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2024. – 195 саҳ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Истиқлол ба мо имконият додааст, ки ба арзишҳои миллиамон бо диди нав назар андозем ва муносибатамонро нисбат ба онҳо таҷдиди назар кунем. Дар ин росто яке аз сарватҳои маънавие, ки бори ҳазорсолаи миллати тоҷикро ба душ дорад, забон аст, ки дар шакли шифоҳию хаттӣ дар хизмати мо аст. Ин ду шакл аз ҳамдигар ғизо мегиранд ва дар такмили забон мусоидат мекунанд. Шакли шифоҳӣ ба гуфтори мардумамон мансуб бошад, шакли хаттӣ ба навишти қаламбадастонамон марбут аст. Навиштаҳои миллати тоҷик дар шакли назму наср садсолаҳост, ки ба хазинаи маънавиёти башарӣ гуҳаррезӣ менамояд ва онро аз ҳар ҷиҳат мукаммал месозад. Яке аз самтҳои фаъолияти фарҳехтагони миллати тоҷик луғатноманависӣ аст, ки таърихи куҳан дорад. Аз замони Асадии Тусӣ, ки аввалин луғатнома ба ӯ тааллуқ дорад, то ин дам садҳо асари лексикографӣ ба вуҷуд омадааст, ки барои нигаҳдошти захираи луғавии забони тоҷикӣ мусоидат кардаанд ва баррасии илмии ҳар яке аз онҳо имкон медиҳад, ки моҳияташон ошкор гардад. Аз ин рӯ, баррасии осори лексикографӣ аҳамияти махсуси илмӣ дорад ва яке аз асарҳои арзишманди миллати тоҷик «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» мебошад, ки ба қалами устод Садриддин Айнӣ тааллуқ дорад ва манбаи пурарзиши луғавӣ мебошад. Агар ба таркиби луғавии ин асар назар афканем, зуд дармеёбем, ки он саршор аз қабатҳои гуногуни вожагонӣ буда, дар заминаи калимаҳои асили тоҷикӣ ва иқтибосот аз забонҳои гуногуни танзим гардидаст. Дар баробари ин, асари мазкур диалектизмҳои зиёде дорад, ки барои нигаҳдошт ва аз байн нарафтани вожаҳои мардумӣ мусоидат кардаанд. Масъалаи дигар роҳу воситаҳои сохташавии воҳидҳои луғавист, ки дар асари мазкур хеле ҷолибанд. Таҳқиқи илмии ин масъалаҳо аҳамияти калони илмӣ дорад, ки барои таҳқиқи онҳо унвонҷӯ Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна камари ҳиммат баста, дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» диссертатсияи номзадӣ манзур намудааст, ки бешубҳа ба самти забоншиносӣ, махсусан, ба бахши

забони тоҷикӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқ аст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар табрикоти Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ диққати мутахассисонро ба таҳияи луғатномаҳои соҳавӣ ҷалб карданд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ барои ба сатҳи илми муосир баромадани забони тоҷикӣ мусоидат мекунанд. Дар ин замина, ҳануз асри гузашта «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и С.Айнӣ дастраси аҳли илму адаб гардида буд, ки дар он даҳҳо қабати луғавие дида мешавад, ки барои соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардум заруранд. Ин асар то кунун аз тарафи донишмандон таҳқиқи амиқи лингвистӣ нашудааст, ки гувоҳи мубрам будани масъала аст. Дар баррасии илмии ин луғатнома диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна таҳти унвони «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» кори аввалини мукаммали илмӣ буда, дар бозкушоии гиреҳҳои мансубияти забонии калимаҳо, гурӯҳбандӣ ва таҳқиқи илмии онҳо ва муайян сохтани роҳҳои сохташаваии калимаҳо мусоидат мекунад. Ин аст, ки кори диссертатсионии пешниҳодшуда, комилан нав буда, мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз луғатномаи устод С.Айнӣ ҳамарӯза истифода бурда мешавад ва аз ин ҷиҳат дар ҳаёти маънавии шоирону нависандагон, муаллимону устодон ва аҳли завқ таъсири амиқ дорад. На танҳо аз он истифода кардан, балки таҳқиқи забоншиносии он барои нишон додани арзиши воқеии асар аҳамияти фавқулода муҳим дорад. Дар ин замина диссертатсияи пешниҳодшуда аз тарафи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна кори сифатан нави илмӣ ба шумор меравад ва дар тули мавҷудияти ин асар аввали баррасии илмӣ дар ростои таркиби луғавии он маҳсуб мегардад.

Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз муҳтавои кори диссертатсионӣ бармеоянд ва, комилан, мазмуну моҳитяи корро нишон медиҳанд. Муайян сохтани масоили назариявии диалектизмҳо ва таҳқиқи воҳидҳои луғавии шарҳёфтаи луғатнома аз ҷиҳати баромад ва таҳқиқи сохтории онҳо нуктаҳои муҳимме ба шумор мераванд, ки диссертант дар кори худ пайгирӣ кардааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Масъалаҳои таҳқиқ, ки ба моддаҳои тафсилшудаи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и

С.Айнӣ бахшида шудаанд, дар диссертатсия асоснок гардидаанд, ки онҳо дар заминаи баррасии ҷанбаҳои гуногуни забоншиносии луғатнома сурат гирифтааст. Дар бобҳои рисола масоили гуногуни ба ҳам алоқаманд мавриди таҳқиқ қарор мегиранд ва аз ин ҷиҳат хулосабарориҳо ҳам пайи ҳам ва мантиқианд. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо бо он мустаҳкам мегардад, ки диссертатсия дар асоси маводи назариявии олимони ватанию хориҷӣ ва воҳидҳои луғавии луғатномаи устод С.Айнӣ муназзам гардидаанд. Маълумоти пешниҳодшуда дақиқ аст, дуруст будани усул ва роҳу равиши интихобшуда дар рафти кор дида мешавад, маводи таҳқиқ ба андозаи кофӣ мукаммал аст, ки омори овардашуда дар саҳафоти рисола гувоҳи ин маънӣ аст.

Коркард, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ва теъдоди интишорот шаҳодати эътимоднокии кори диссертатсионӣ ба шумор меравaнд.

Хулосаи диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар 9 банд дода шудааст ва муҳтавои асосии корро фаро мегиранд. Тавсияҳо дар 5 банд истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқро пешниҳод менамояд, ки ҷанбаи амалишавиашон шакку шубҳа надорад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи пешниҳодкардаи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна, ки ба таҳқиқи маводи ташреҳёфтаи «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и С.Айнӣ бахшида шудааст, аҳамияти муътамади илмӣ дорад. Дар он бори аввал ба масъалаи баррасии яке аз қабатҳои асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ – диалектизмҳо, ки нисфи луғатномаи устоди С.Айниро фаро гирифтаанд, даст зада, андешаҳои олимони мутааддидеро перомуни мазмуну моҳияти калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ матраҳ карда, моддаҳои луғавии луғатномаи устод Садриддин Айниро, ки ба далектизмҳо марбутанд, бо диди нави илмӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Дар баробари ин, диққати рисоланавис ба баромади забонии калимаҳо дар луғатнома ҷалб шуда, дар ин бахш таҳқиқи сифатан нави илмӣ пешниҳод мегардад. Гурӯҳбандии калимаҳои иқтибосӣ, равшан сохтани моҳияти забонӣ ва нақши онҳо дар ташаккули забони тоҷикӣ моҳияти илмии корро баланд мегардонад. Дар таҳқиқи масоили калимасозии асар услҳои маъмули вожасозӣ истифода шудааст, қолибҳои сохташаваии калимаҳо муайян шудаанд.

Метавон гуфт, ки маводи илмӣ-назариявии кори диссертатсионӣ, натиҷаҳо, усул, роҳу равиш ва интишороти муаллиф барои ба вуҷуд омадани корҳои мушобеҳ метавонанд ёрӣ расонанд. Ҳамчунин, маводи илмӣ-назариявии ин диссертатсия барои донишҷӯён, унвонҷӯён, магистрҳо ва мутахассисони забоншинос муфид арзёбӣ мешавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаи диссертатсияро метавон барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ, дастурҳои бахши луғатшиносӣ ва грамматика истифода кард. Инчунин, ин кор барои хондани курсҳои махсус ва дар баргузории маҳфилу семинарҳои илмӣ аз фанни забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ муфид аст. Ин аст, ки диссертатсияи унвонҷӯй барои ҷомеаи имрӯзу ояндаи мо арзишманд мебошад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Кори диссертатсионии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна аз ихтисоршудаҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт, нашри таълифоти илмӣ мутобиқи мавзуи диссертатсия дар ҳаҷми 195 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод гардидааст. Ҳар боби таҳқиқи масъалаҳои муҳимми илмиро фаро гирифта, аз фаслҳои марбут ба мазмуну муҳтавои бобҳо алоқаманд иборат мебошанд. Зимни таҳқиқ аз равишҳои мувофиқу мушаххаси илмӣ истифода шудааст. Дар ҳар боб вобаста ба масоили матраҳшаванда, андешаҳои илмии мутахассисон мавриди баррасию омӯзиш қарор мегиранд ва аз тарафи муаллифи рисола хулосаҳои муҳимми илмӣ бароварда мешавад, ки натиҷаи дарки масъала ба шумор меравад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарию методологӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор мутобиқи талабот шарҳ ёфтаанд. Дар диссертатсия масъалаҳои зарурати интихоб, дараҷаи таҳқиқ, ҳадафу вазифаҳо, усули таҳқиқ, навгониҳо, аҳаммияти назариявию амалии мавзуъ равшан баррасӣ шудаанд.

Кори диссертатсионӣ мақсаду вазифаҳои мушаххаси илмӣ дорад, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар бахши таҳқиқи хусусиятҳои вожагонӣ ва калимасозӣ, аз ҷумла, диалектизмҳо – калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ, вомвожаҳо ва баррассии калимасозии таркиби луғавии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и С.Айнӣ пураҳаммият мебошанд.

Боби якуми диссертатсия «Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ ном дорад ва иборат аз 6 фасл мебошад. Дар фасли аввал доир ба мафҳум, мазмуну

моҳият ва хусусиятҳои калимаҳои халкӣ-гуфтугӯйӣ яъне диалектизмҳо баҳс ороста истифодаи онҳоро дар луғатномаи устод С.Айнӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин фасл асару мақолаҳои зиёди илмие, ки аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ, ба мисли М. И. Фомина, В. Н. Прохорова, Н. М. Шанский, В. В. Иванов, Ф. Н. Филин, Д. Э. Розентал, А. М. Теленкова, В. С. Расторгуева, А. Л. Хромов, Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б. Камолиддинов, Х. Ҳусейнов, А. Абдуқодиров, Ҳ. Маҷидов, М. Маҳмудов, Ғ. Ҷураев, М. Эшниёзов, Ю. Нурмуҳаммадов, С. Сабзаев, М. М. Мирзоева, Н. Саидов, Т. Шокиров, М. Ҳасанов, Қ. Тоҳирова, Х. Ҳусейнов, Н. Гадоев, О. Алиев, Ш. Раҳимова, Н. Саидов, Ҷ. Саидова ва дигарон доир ба диалектизмҳо навишта шудааст, таҳқиқ шуда, ҳасаноти онҳо нишон дода мешавад ва унвонҷӯй дар натиҷаи баррасии ин осори илмӣ ба чунин натиҷаи илмӣ мерасад, ки калимаҳои халқӣ-гуфтугӯйӣ дар се ҳолат мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд: дар баррасиҳои шевашиносӣ, зимни таҳқиқи забони асарҳои бадеӣ ва ҳангоми тадвини луғатномаҳо. Ин натиҷагирии мантиқӣ унвонҷӯро ба баррасии диалектизмҳо дар луғатномаи устод С.Айнӣ ҳидоят менамояд ва дар фаслҳои баъдии кор оид ба диалектизмҳое, ки устод С. Айнӣ дар чандин сол онҳоро гирд оварда, дар луғатномааш тафсил кардааст, таҳқиқи илмӣ сурат мегирад. Унвонҷӯй онҳоро дар ҳайати қабатҳои мавзуии марбут ба либос ва пояфзол, воҳидҳои луғавии марбут ба ҳайвонот ва парандагон, растаниҳо, асбоби рӯзгор ва воҳидҳои луғавии марбут ба бемориҳо, бозиҳо, сохтмон, маҳсулот ва чизҳои гуногун, узвҳо, калимаҳои хешовандӣ, номи анвои хӯрок ва махсулоти хӯрок, ҳунарҳо, воҳидҳои луғавии марбут ба шахс ва сифатҳои одамӣ, ранг, вожаҳо марбут макон ва замон, амалу ҳолат, номи амал ва ғайра таҳқиқ менамояд.

Боби дуюми диссертатсия «Калимаҳои иқтибосӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» номгузорӣ шуда, аз 4 фасл иборат мебошад. Дар фаслу зерфаслҳои ин боб доир ба назарияи иқтибосшавии калимаҳо, сабабҳои воридшарии унсунҳои луғавӣ, омилҳои иқтибосгирӣ, аҳамияти онҳо дар забони ретсипиент фикру андешаҳои зиёди донишмандони соҳа мавриди баррасии илмӣ қарор мегирад.

Фаслҳои алоҳидаи кор ба таҳқиқи калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ, оромӣ, юнонӣ, чинӣ ва калимаҳои марбут ба забонҳои хеши бохтарӣ, портӣ, суғдӣ, модӣ дар луғатномаи С. Айнӣ бахшида шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки калимаҳои арабӣ бахши умдаи иқтибосотро фаро мегирад ба таҳқиқи онҳо аҳамияти махсус дода мешавад. Ҳангоми таҳқиқи калимаҳои иқтибосии арабӣ (фасли 2.2.) фикру андешаҳои олимони зиёде баррасӣ шуда, фасли махсусеро бо номи “Баррасӣ, аҳаммият ва заминаҳои

воридшавии иқтибосоти арабӣ” (2. 2. 1) ба ҳамин масъалаи муҳим мебахшад ва зимни таҳқиқи ин иқтибосот ба таҳқиқи шакли ҷамъи мукассару солим ва қолибҳои шакли мукассари калимаҳои арабӣ таваҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Иқтибосоти арабие, ки дар шакли ҷамъи мукассар ба забони мо ворид шудаанд, мутобиқи маводи луғатномаи устод С.Айнӣ дар доираи қабатҳои луғавии мансуб ба одамон, амокини гуногун, асбобу анҷом ва чизҳо, дафтардорӣ, флора ва фауна, тиб, дин, замон ва вақт, мафоҳими шумора, андуҳҳо ва ҳодисаҳои ногувор, фикру андешаю хислат ва донишу сухан таҳқиқ мегардад ва хусусиятҳои сермаъноӣ, якмаъноӣ, муродифӣ, зидмаъноӣ ва ҳамгунии онҳо нишон дода мешавад, ки хеле мутмаинкунанда ва ҷолиб мебошанд.

Дар бахши қолибҳои шакли мукассари калимаҳои арабӣ унвонҷӯй миқдори қолибҳои ҳамвазни ҷамъи мукассари арабиро дар луғатномаи устод С.Айнӣ ба 31 адад гурӯҳбандӣ карда, онҳоро дар ҷадвал бо овардани теъдоди калимаҳо ва омори онҳо нишон медиҳад, ки кори бисёр ҷолиб ба назар мерасад. Масалан, бо шакли мукассари афъол 99 калима, мафоъил 48, фавоъил 48, фуъул 41, фаъоил 34, фуъало 21, афоъил 10, мафоъил 11, фиъол 10, фуъал 9 калима дар луғатномаи устод С.Айнӣ ба мушоҳида расидаанд, ки диссертант онҳоро пурра дар ҷадвал меорад.

Аз таҳқиқи унвонҷӯй маълум мегардад, ки шакли ҷамъи солим дар луғатномаи С. Айнӣ тавассути пасвандҳои -от ва -ёт (-ят, -ият), -ин ва –айн сурат мегирад, ки онҳо дар ҷадвал нишон дода шудаанд.

Бо ҳамин минвол, калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ, оромӣ, юнонӣ, чинӣ ва калимаҳои марбут ба забонҳои хеши бохтарӣ, портӣ, суғдӣ, модӣ баррасӣ шуда, омор ва ҷойгоҳи онҳо дар луғатномаи устод С.Айнӣ муайян гардида, хулосаи муҳим ва мантиқии илмии муаллиф аз он иборат аст, ки ин иқтибосот ба хусусиятҳои луғавию грамматикии забони тоҷикӣ пурра мутобиқ шудаанд.

Зимни таҳқиқ унвонҷӯй усули пайдарҳам матраҳ кардани мавориди таҳқиқиро риоя карда, фикру андешаҳои олимони соҳа омӯхта шуда, дар кор самаранок истифода менамояд ва андешаҳои мустақилонаи муаллиф эҳсосшавандаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Сохтори калимаҳои тафсиршуда дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» ном дорад ва аз се фасл иборат мебошад. Дар ин боб фикру андеша ва заҳматҳои олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ дар башхи калимасозӣ, ба мисли М. Д. Степанова, К. А. Левковская, В. С. Расторгуева, К. С. Кубрякова, М. Муҳаммадиев, Л. С. Пейсиков, Н. М. Оранский, Ш. Ниёзӣ, С. Ҳалимов, Ф. Р. Амонова, Ш. Рустамов, Ғ. Ҷураев, Э. Шоев, М. Н. Қосимова, Д.

Саймиддинов, Д. Хоҷаев, Ф. Шарифова, М. Саломов, Т. Ваҳҳобов, С. Назарзода, Т. Шокиров, О. Қосимов, А. Байзоев, С. Раҳматуллозода, Г.Мирзоев ва дигарон омӯхта шуда, дар асоси назарияи мавҷудаи калимасозӣ маводи тафсиршудаи луғатномаи устод Айниро аз ҷиҳати сохт сода, сохта ва мураккаб табақабандӣ карда, қолибҳои калимасозии онҳоро ба таври васеъ таҳқиқ менамояд. Ҷиҳати қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки дар баррсии калимаҳои сохта усули дар алоҳидагӣ таҳқиқ кардани ҳар як пасванд риоя шуда, маҳсулнокӣ ва омори сохташавии калимаҳо нишон дода мешавад. Ҳамин тариқ, дар диссертатсия дараҷаи калимасозии пасвандҳои -ӣ, -а, -ак, -ча, -гар, -анда, -чӣ, -ина, -акӣ, -иш, -вар, -ор, -дон, -гор, -вор, -она, -сор, -гоҳ, -истон, -зор тибқи маводи луғатномаи устод С.Айнӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Мутобиқи маводи луғатномаи устод С.Айнӣ калимаҳои мураккаб ба вожаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ тақсим шуда, қолибҳои онҳо баррасӣ мешаванд. Дар таҳқиқи муаллиф исмҳои мураккаби пайваст бо қолибҳои такрори асоси калимаҳо, миёнванди -у- ва миёнванди -о- ба назар мерасад.

Зимни таҳқиқи калимаҳои мураккаби тобеъ назарияи мавҷудаи калимасозӣ пайгирӣ мешавад ва онҳо мутобиқи тобеияти ҷузъҳо баррасӣ шуда, қолибҳои факки изофат, исм+исм, исм+сифат, исм+феъл, сифат+дигар ҳиссаҳои нутқ, зарф + дигар ҳиссаҳои нутқ бо мисолҳои зиёде матраҳ мегарданд.

Хулосаи диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар 9 банд оварда мешавад, ки дар онҳо муҳимтарин андешаҳои хулосакунанда оид ба диссертатсия ҷамъ омадаанд. Аз хулосаҳо эҳсос мешавад, ки муаллиф масъалаҳои матраҳшударо ҳазм кардааст ва онҳоро метавонад барои хонанда дуруст пешниҳод намояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия унвонҷӯй 10 мақолаи илмӣ нашр кардааст, ки 5-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2 мақола дар маҷмуаи мақолаҳои конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ, 1 мақола дар конференсияи илмии байналмилалӣ чоп шудаанд. Мақолаҳои интишоргардида мазмуну мухтаво, натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон.** Диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз тарафи унвонҷӯй мустақилона навишта шуда, мазмуну моҳият, пайдарҳамии масъалагузориҳо, мантиқи муносиби илмӣ дошта, масоил ва нуктаҳои матраҳшудаи илмӣ, навовариҳои илмии диссертатсионӣ, усулу шеваи нигориш, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, масоили ба ҳимоя пешниҳодшуда, шарҳу тавзеҳи масъалаҳо, истифодаи осори илмӣ ва луғатномаҳо барои ташреҳи калимаҳо дар сатҳи муносиб буда, гувоҳи саҳми шахсии диссертант мебошанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҳасанот ва муваффақиятҳои илмии қобили таваҷҷуҳ дар диссертатсия камбудию норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки овардани онҳоро бо нияти беҳбудии таҳқиқоти ояндаи унвонҷӯй зарур медонем:

1. Ба назари мо, бо таваҷҷуҳ ба ин ки доир ба луғатномаи С.Айнӣ тадқиқот бурда мешавад, хуб мешуд, ки фасли алоҳидае ба масъалаи таърихи луғатшиносии миллати тоҷик бахшида мешуд ва дар он дастовардҳои луғатнигоронамон ба таври мухтасар таҳқиқ мегардид ва ҷойгоҳи луғатномаи устод Айнӣ дар байни онҳо муайян мешуд.
2. Ҳарчанд, зимни овардани асарҳои олимон, аксаран, онҳо шарҳу тафсир ёбанд ҳам, гоҳо бо овардани ному насаби муаллифон ва номи асарҳои онҳо қаноат шудааст (саҳ. 13-14). Хуб мешуд, ки масоили дар онҳо таҳқиқшуда шарҳ ёфта, назари муаллиф баён мешуд.
3. Ба андешаи мо, хуб мешуд, ки шарҳу тавзеҳе, ки устод С.Айнӣ дар луғатномааш овардааст, дар диссертатсия мухтасаран дода мешуд, ки ин ҳолат ба камтар шудани саҳифаҳо мусоидат мекард (с. 42, 43, 49, 51 ва ғ. ).
4. Дар фасли 6 боби 1, ки "Дигар қабатҳои луғавии халқӣ-гуфтугӯйӣ" номгузорӣ шудааст, дар он воҳидҳои луғавии марбут ба номи анвои хӯрок ва маҳсулоти хӯрок, номи амал, маҳсулот ва чизҳои гуногун, макон ва замон, хона ва сохтмон, марбут ба ҳунарҳо, бемориҳо оварда шудаанд, вале мисли фасҳои 1-5 таҳқиқ нашудаанд. Хуб мешуд, ки онҳо низ, нибатан, пурратар баррасӣ мешуданд ва ба ин васила мавқеи ин гуна диалектизмҳо равшантар зоҳир мегардиданд.
5. Дар саҳифаи 116 диссертатсия гуфта мешавад, ки "аз баррасии маводи ин луғатнома маълум мегардад, ки калимаҳои дар он шарҳёфта аз ҷиҳати сохт сода, сохта ва мураккаб буда, дар қолибҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд". Аммо доир ба калимаҳои сода тадқиқот анҷом нашудааст.

6. Ҳарчанд диссертант бисёр босаводона менависад, аммо дар саҳифаҳои 30, 40, 47, 69, 103, 112, 149, 165-и диссертатсия ғалатҳои китобатию имлоиву техникӣ дида шуд, киислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Бо вуҷуди ин, эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ ва ислоҳшаванда дошта, моҳияти баланди илмии диссертатсияро кам намекунанд. Онҳоро метавон зимни ба нашри монография ислоҳ намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия бо истифода аз роҳу равиш ва услуби илмии мувофиқ таҳия шуда, қисматҳои кор бо риояи мантиқи ягонаи илмӣ, пайдарҳам, пешниҳод шудаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи кори диссертатсионӣ нашр кардааст, моҳият ва мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд. Кори диссертатсиониро дар маҷмуъ кори илмии анҷомёфта меҳисобам.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯй ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ, комилан, мувофиқат мебошад.

Коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, истифодаи амалии онҳо, нашри таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи «Таҳлили лингвистии ҳайати лексикии «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон Шафоатов Азал Нусратович
Тел.: (+992) 985074419.
e-mail: Shafoat56@mail.ru

*“Имзои доктори илмҳои филологӣ Шафоатов Азал Нусратовичро тасдиқ мекунам”*
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишкадаи
тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Расулов Маъруф Маҳмадюсупович
«15» феврали соли 2024

**Нишонӣ:** 734053, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Лучоб 53,
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов
Факс: 2245687; e-mail: mehrpaivand@inbox.ru